**Ба Шурои диссертатсионии 6D/KOA – 14 – и назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**(734067,ш.Душанбе, кучаи Нахинов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзӯи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Раванди идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ бо бисёр омилҳо ва пеш аз ҳама, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, сатҳи бекорӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ва қарздор, инчунин ҳодисаҳои фавқулода, алоқаманд мебошад.

Вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ ҳамчун омили афзоиши муҳоҷират Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2022 қайд намуданд, ки «Роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд». Дар ҳолати беэътиноӣ ин вазъият метавонад боиси тезутундшавии мушкилиҳои бо кор таъмин будан ва бекорӣ дар байни аҳолӣ гардад, ки ангезандаи равандҳои муҳоҷират мешавад.

Муаллиф дар рисолаи илмии худ чунин такид намудааст, ки вилояти Хатлон дар самти шаҳрнишиншавии (урбанизатсияи) аҳолӣ аз дигар минтақаҳои кишвар каме ақиб мондааст, зеро дар он бартарии аҳолии

деҳот мушоҳида мегардад. Бинобар ин, сарфи назар аз мавҷудияти омилҳои мухталифи муҳоҷиратро ба вуҷудоваранда, сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот, рушд наёфтани инфрасохтори деҳот, ба мисли пешина сабабҳои калидии дарёфти рӯзии бештар аз ҷониби сокинон боқӣ мемонанд. Бо вуҷуди ин, имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷуда барои рушди иқтисодиёти минтақа воқеан бузурганд. Дар ин ҷо иқтидорҳои азими гидроэнергетикӣ, иқлими мусоид барои истеҳсолоти кишоварзӣ мутамарказ шудаанд, дар ин ҳудуд иншооти калонтарини кишоварзӣ, заминҳои ҳосилхез ва ғ. ҷойгир шудаанд. Дар мавриди самаранок истифода бурдани ҳамаи омилҳои инкишоф, дар баробари дигар вазифаҳои хоҷагидорӣ, инчунин мушкилоти муҳоҷиратро низ ҳаллу фасл кардан мумкин аст.

Дисссертант дар қатори ҷанбаҳои назариявии мавзуи баррасишаванда, инчунин дар рисолаи илмии худ оиди омӯзиши равандҳои муосири муҳоҷират, таҳлили миқёс, самтҳо ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, инчунин муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнати кишоварзии минтақа, ва дигар самтҳои ба он алоқамандро таҳқиқ ва сабаби интихоби мавзуро нишон додааст.

Қобили қайд аст,ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба маврид истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пай ҷумлаҳо бо услуби илмӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудааст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд. Масалан муаллиф пешниҳоди ҷолиберо оид ба бартарафнамудани мушкилот дар самти ҳалли муҳоҷирати меҳнати дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро манзур месохт, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзӯи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267тасдиқ гардидааст, ҷавбгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Самизода Т.О.

*Имзои Самизода Т.О.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.


***Суроға:***
*734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121*
*Сомона: www.tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj*
*Телефон: +992 (37) 224-13-83;*